10197 - Қуръони Карим

савол

Қуръон чист?

Ҷавоби муфассал

Ҷавоб:

Қуръони Карим сухани Парвардигори ҷаҳониён мебошад, ки Аллоҳ таъоло онро бар паёмбараш Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нозил кардааст, то мардумро аз торикиҳо ба рӯшноӣ раҳнамоӣ кунад:

هُوَ الَّذِي يُنَزِّلُ عَلَىٰ عَبْدِهِ آيَاتٍ بَيِّنَاتٍ لِّيُخْرِجَكُم مِّنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ

سورة الحديد: ٩

«Ӯст, ки бар бандаи худ оёти равшанро нозил мекунад, то шуморо аз торикиҳо ба сӯи нур берун оварад». (Сураи Ҳадид: 9).

Аллоҳ таъоло дар Қуръони Карим саргузашти пешиниёну ояндагон, инчунин офариниши осмонҳову заминҳоро баён кардааст. Дар он аҳкому ҳукмҳои ҳалолу ҳаром, усулу пояҳои одобу ахлоқ, аҳкоми ибодатҳову муомилот, саргузашти паёмбарону солеҳон, ҳамчунин подоши мӯъминон ва кайфари кофиронро ба таври муфассал баён намудааст. Инчунин, биҳишт — сарои мӯъминон ва дӯзах — сарои кофиронро тавсиф намуда, Қуръонро баёнгари ҳар чиз қарор додааст:

وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ الْكِتَابَ تِبْيَانًا لِّكُلِّ شَيْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ

سورة النحل: ٨٩

«Ва ин Китобро бар ту нозил кардем, ки баёнгари ҳар чиз, ҳидоят, раҳмат ва башорате барои мусулмонон аст». (Сураи Наҳл: 89).

Дар Қуръони Карим инчунин номҳову сифатони Аллоҳ, махлуқоти Ӯ ва даъват ба имон овардан ба Аллоҳ, фариштагонаш, китобҳояш, паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат баён шудаанд:

آمَنَ الرَّسُولُ بِمَا أُنزِلَ إِلَيْهِ مِن رَّبِّهِ وَالْمُؤْمِنُونَ كُلٌّ آمَنَ بِاللهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّن رُّسُلِهِ وَقَالُوا سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا غُفْرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيْكَ الْمَصِيرُ

سورة البقرة؛ ٢٨٥

«Расул ба он чи аз ҷониби Парвардигораш бар ӯ нозил шудааст, имон овардааст ва мӯъминон низ ҳамагӣ ба Аллоҳ ва фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш имон овардаанд. (Ва гуфтанд:) "Миёни ҳеҷ яке аз паёмбаронаш фарқе намегузорем". Ва гуфтанд: "Шунидем ва итоат кардем. Парвардигоро, омурзиши Туро мехоҳем, ва бозгашт ба сӯи Туст"». (Сураи Бақара: 285).

Дар Қуръони Карим аҳволи рӯзи ҷазо ва он чи пас аз марг рух медиҳад — аз зинда гардонидан, гирд овардани мардум, ҳозир шудан (дар пешгоҳи Аллоҳ таъоло), ҳисоб, инчунин тавсифи ҳавз, сирот, мизон, неъмат ва азоб — баён шудааст. Ҳамчунин омадааст, ки мардум барои он рӯзи бузург гирд оварда хоҳанд шуд:

اللهُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ لَيَجْمَعَنَّكُمْ إِلَىٰ يَوْمِ الْقِيَامَةِ لَا رَيْبَ فِيهِ وَمَنْ أَصْدَقُ مِنَ اللهِ حَدِيثًا

سورة النساء: ٨٧

«Аллоҳ аст, ки ҷуз Ӯ ҳеҷ маъбуде нест. Ӯ ҳатман ҳамаи шуморо дар рӯзи қиёмат, ки ҳеҷ шакке дар он нест, гирд хоҳад овард. Ва кист ростгӯтар аз Аллоҳ дар сухан?». (Сураи Нисо: 87).

Дар Қуръони Карим мардум ба андеша ва тафаккур дар оёти коинот ва оёти Қуръон даъват шудаанд:

قُلِ انظُرُوا مَاذَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

سورة يونس: ١٠١

«Бигӯ: "Бингаред, ки чӣ чизе дар осмонҳо ва замин аст?"». (Сураи Юнус: 101).

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ الْقُرْآنَ أَمْ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقْفَالُهَا

سورة محمد: ٢٤

«Оё дар Қуръон тадаббур намекунанд, ё бар дилҳояшон қуфлҳост?». (Сураи Муҳаммад: 24).

Қуръони Карим китоби Аллоҳ барои ҳамаи мардум аст:

إِنَّا أَنزَلْنَا عَلَيْكَ الْكِتَابَ لِلنَّاسِ بِالْحَقِّ فَمَنِ اهْتَدَىٰ فَلِنَفْسِهِ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيْهَا وَمَا أَنتَ عَلَيْهِم بِوَكِيلٍ

سورة الزمر: ٤١

«Мо ин Китобро бар ту барои мардум ба ҳақ нозил кардем. Пас, ҳар кас ки ҳидоят ёбад, ба суди худи ӯст ва ҳар кас ки гумроҳ шавад, танҳо ба зиёни худ гумроҳ мешавад. Ва ту бар онҳо нигаҳбон нестӣ». (Сураи Зумар: 41).

Қуръони Карим тасдиққунандаи китобҳои пеш аз худ, аз ҷумла Таврот ва Инҷил буда, бар онҳо ҳоким ва нигаҳбон аст. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ الْكِتَابِ وَمُهَيْمِنًا عَلَيْهِ

سورة المائدة: ٤٨

«Ва ин Китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, ки тасдиққунандаи китобҳои пеш аз худ ва ҳоким бар онҳост». (Сураи Моида: 48).

Ва пас аз нозил шудани Қуръон, он то рӯзи қиёмат китоби тамоми башарият аст. Пас, ҳар кас ба он имон наоварад, кофир аст ва дар рӯзи қиёмат ба азоб гирифтор хоҳад шуд, чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَالَّذِينَ كَذَّبُوا بِآيَاتِنَا يَمَسُّهُمُ الْعَذَابُ بِمَا كَانُوا يَفْسُقُونَ

سورة الأنعام؛ ٤٩

«Ва касоне, ки оёти Моро дурӯғ шумориданд, ба сабаби он ки нофармонӣ мекарданд, азоб ба онҳо хоҳад расид». (Сураи Анъом: 49).

Ба сабаби бузургии Қуръон ва он чи аз оятҳо, мӯъҷизаҳо, масалҳо ва ибратҳо дар он омадааст, инчунин фасоҳат ва шукуҳи баёни он, Аллоҳ таъоло дар бораи он мефармояд:

لَوْ أَنزَلْنَا هَٰذَا الْقُرْآنَ عَلَىٰ جَبَلٍ لَّرَأَيْتَهُ خَاشِعًا مُّتَصَدِّعًا مِّنْ خَشْيَةِ اللهِ وَتِلْكَ الْأَمْثَالُ نَضْرِبُهَا لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ

سورة الحشر: ٢١

«Агар ин Қуръонро бар кӯҳе нозил мекардем, ҳатман онро аз тарси Аллоҳ фурӯтан ва аз ҳам шикофхӯрда медидӣ. Ва ин масалҳоро барои мардум меоварем, бошад, ки биандешанд». (Сураи Ҳашр: 21).

Аллоҳ таъоло инсонҳову ҷинҳоро ба он даъват кард, ки монанди Қуръон, ё як сурае монанди он, ё ҳатто як ояте ҳаммонанди онро биёваранд, аммо онҳо натавонистанд ва ҳаргиз нахоҳанд тавонист, чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

قُل لَّئِنِ اجْتَمَعَتِ الْإِنسُ وَالْجِنُّ عَلَىٰ أَن يَأْتُوا بِمِثْلِ هَٰذَا الْقُرْآنِ لَا يَأْتُونَ بِمِثْلِهِ وَلَوْ كَانَ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيرًا

سورة الإسراء: ٨٨

«Бигӯ: "Агар инс ва ҷин ҷамъ оянд, то монанди ин Қуръонро биёваранд, ҳаргиз монанди онро оварда наметавонанд, ҳарчанд баъзе аз онҳо пуштибони баъзеи дигар бошанд"». (Сураи Исро: 88).

Азбаски Қуръони Карим бузургтарин, комилтарин, мукаммалтарин ва охирин китоби осмонӣ аст, Аллоҳ таъоло ба паёмбари худ Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дастур дод, ки онро ба тамоми мардум бирасонад. Чунонки мефармояд:

يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ وَإِن لَّمْ تَفْعَلْ فَمَا بَلَّغْتَ رِسَالَتَهُ وَاللهُ يَعْصِمُكَ مِنَ النَّاسِ

سورة المائدة: ٦٧

«Эй паёмбар! Он чиро, ки аз ҷониби Парвардигорат бар ту нозил шудааст, бирасон. Ва агар чунин накунӣ, рисолати Ӯро нарасондай. Ва Аллоҳ туро аз мардум ҳифз мекунад». (Сураи Моида: 67).

Ба сабаби аҳаммияти ин Китоб ва ниёзи уммат ба он, Аллоҳ таъоло моро бо он гиромӣ дошт; онро бар мо нозил кард ва ҳифзи онро бар уҳдаи худ гирифт. Чунонки мефармояд:

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ

سورة الحجر: ٩

«Ҳақиқатан, Мо худ Зикрро нозил кардем ва ҳамоно, Мо худ нигаҳбони он ҳастем».

(Сураи Ҳичр: 9).